# Эъломияи Замин



Эҳтиром ва ғамхорӣ оиди ҷамоаи зинда

Ягонагии экологӣ

Адолати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ

Демократия, осоиштагӣ ва даст кашидан аз зӯроварӣ

## ПЕШГУФТОР

Буклети мазкур аз маҷмӯи маводҳое, ки раванди кори гурӯҳи байналмилалии олимон ва мутахассисонро марбут ба Эъломияи Замин инъикос менамоянд, иборат мебошад. Эъломияи Замин намунаи ба худ хоси Эъломияи Умумибашарии ҳуқуқи Инсон аст, вале зимти истифодабарӣ нисбати муҳити атроф маҷмӯи фаҳмишҳоро дар бораи рушди устувор баён менамояд.

## Эъломияи Замин чист?

Эъломияи Замин – ин ҳуҷҷате мебошад, ки принсипҳои асосгузории ҷомеаи васеи устувор, осоишта ва боадолатро дар асри XXI эълон медорад. Ҳуҷҷати мазкур аз 16 принсипи баёни маҷмӯии Консепсияи рушди устувор, ки СММ ҳамчун стратегияи ба сифати роҳнамо дар садсолаи чорӣ қабул намудааст иборат мебошад.

## Тарихи мухтасари таъсисёбии Эъломияи Замин

Соли 1987 Комиссияи Умумиҷаҳонии СММ оид ба муҳити атроф ва рушд, дар бораи таҳияи ҳуҷҷати нави ташаккулдиҳандаи принсипҳои асосии рушди устувор қарор қабул кард. Дастхатҳои ин ҳуҷҷат дар ҷараёни Саммити Муҳити атроф (Рио-де-Жанейро, 1992).

Соли 1994 бо ташаббус ва дастгирии Ҳукумати Нидерландия, Шӯрои Замин (Президент М. Стронг), Салиби Сабзи байналмилалӣ (Президент М. Горбачёв) ва Директории Генералии ЮНЕСКО (Ф. Майор) таҳияи лоиҳаи байналмилалӣ оид ба Эъломияи Замин аз нав оғоз гардид.

Корҳо иод ба таҳияи матни Эъломияи Замин 6 сол давом ёфтаанд. Дар ин ҷабҳа ҳазорҳо мутахассисон, садҳо ташкилотҳои ҳукуматӣ ва ғайриҳукуматӣ аз мамлакатҳои гуногун, намояндагони табақаҳои мухталифи ҷомеаи имрӯза иштирок намуданд. Гурӯҳи байналмилалии таҳрири матни Эъломияро оид ба ҷамъбасти истниҳоду мулоҳизаҳои баёншуда профессор С. Рокфеллер роҳбарӣ кард.

Барои ба анҷом расонидани таҳияи ин ҳуҷҷат дар марҳилаи ҷамъбастӣ соли 1997 дар ҳайати ходимони намоёни ҷамъиятии панҷ қитъаи Замин Комиссияи Байналмилалӣ таъсис ёфт.

16 октябри соли 2003 Конференсияи Генералии ЮНЕСКО Эъломияи Заминро расман эътироф карда (Резолютсияи 32), ба давлатҳои иштирокчӣ ҷиҳати ҳамчун воситаи таълим, хусусан дар доираи Даҳсолаи Маълумот барои Рушди Устувор, ки СММ эълон доштааст, муроҷиат намуд.

## *Эълоияи Замин: пешрави ва истифодаи амалии принсипҳои он*

Бо анҷомёбии раванди таҳриб соли 2002 лоиҳаи Эъломияи Замин ба марҳилаи нав – Эъломияи Замин дар амал ворид гардид. Акнун мақсади лоиҳа аз паҳнсозии ин Ҳуҷҷат, ташвиқу тарғиби он ҳамчун восита ва раҳнамои амалиётҳо дар ҷоисаи шаҳрвандӣ ва вридсозии Эъломияи Замин ба ҷараёни таълим аз мактаби ибтидоӣ то маълумоти олӣ иборат гардид.

Дар вохӯриҳои байналхалқии охирин (с 2001-2003) оид ба Эъломияи Замин ҷиҳати мутамарказ намудан ва ба амал баровардани принсипҳои он дар сисемаҳои маълумоти мамлакатҳои гуногун ва инкишофи ҳаҷман васеи воситаҳои ташвиқу тарғиби ақида ва принсипҳои Эъломия ва Фарҳанги Ҷаҳон тариқи ВАО, радиошунавонӣ ва телевизион, қарор қабул гардид.

## *Чи тавр дар барномаи «Ташаббусҳои Эъломияи Замин» иштирок кардан мумкин?*

- Ахбороти мувофиқро дар вебсайти «Эъломияи Замин» (www.earth-charter.org) дарёфт кардан мумкин.
- Маслиҳатҳоро дар Ташкилоти Ҷамъиятии «Фонди дастгирии ташаббусҳои шаҳрвандӣ», 734002, ш. Душанбе, кӯч. Шотемур 73/а-19. Тел/факс: (99237) 221-5857 Муросилоти электронӣ: fsci@tojikiston.com, Вебсайт: www.fsci.freenet.tj дарёфт кардан мумкин.

*Дар барориши дастур инҳо масъулиятнок астанд:*
**МУАЗАМА БУРХОНОВА**, роҳбари «Фонди дастгирии ташаббусҳои шаҳрвандӣ»
**ИЛҲОМ МУМИНОВ**, ёридиҳандаи техникӣ

# ПРИНСИПҲО

## I. ЭҲТИРОМ ВА ҒАМХОРӢ ОИДИ ҶАМОАИ ЗИНДА

### 1. Эҳтироми Замин ва ҳаёт бо тамоми гуногунияш

а) Бо ҳам алоқаманд будани тамоми мавҷудоти рӯи Заминро эътироф карда бояд донист, ки ҳар як шакли ҳаёт новобаста аз моҳияти он барои одам арзишҳои худро дорад.

б) Ба вуҷуд овардани боваринокӣ оид ба аз ҳам ҷудонашавандагии ҳар як шахсият ва кудратҳои зеҳнӣ, истеъдод, фаъолият ва ахлоқи инсоният.

### 2. Ғамхори оиди ҷамоаи зинда бо дарки раҳму шафқат ва муҳабат

а) Эътироф намудани он, ки мо ба ғайр аз ҳуқуқи соҳиб будан, идора кадан ва истифодаи захираҳои табиӣ, ӯҳдадор ҳастем, ки зараррасониро ба муҳити зист пешгири карда, ҳуқуқи одамонро ҳифз намоем.

б) Бояд тасдиқ намоем, ки дар баробари инкишофи озодӣ, дониш ва имкониятҳо, ӯҳдадориҳои мо ҷиҳати мусоидат ба васеъгардонии манфиатҳои умумӣ боз ҳам зиёд мегарданд.

### 3. Сохтани ҷамиятҳои демократии устувор ва сулҳхох, боадолат ва иҷтимоии якҷоя.

а) Бо он бояд мувоффақ шуд, ки ҷамият дар тамоми сатҳ ҳуқуқи инсон ва озодии онро кафолат диханд, ва имконият фароҳам оваранд, ки ҳар кас тавонад, тавоноии худро дар амал истифода барад.

б) Кӯшишҳо барои боадолатии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ба ҳар одам фароҳам сохтани имконият ҷиҳати захираи зарурии воситаҳои зиндагонӣ бо ҳисси масъулияти экологӣ.



ПРИНСИПҲО

**4. Файз ва зебогии Заминро барои насли имрӯза ва фардо нигоҳ доштан.**

а) Бояд эътироф кард, ки амалҳои озодонаи ҳар шахс талаботи насли ояндаро муайян мекунад.

б) Ба насли оянда додани арзишҳо, анъанаҳо ва институтҳое, ки дар ояндаи дур гулгулшукуфии ҷамоаҳо инсонӣ ва экологиро дар рӯи Замин дастгирӣ мекунанд.

**Барои иҷроиши ин 4 ӯҳдадории асосӣ лозим аст:**

## II. ЯГОНАГИИ ЭКОЛОГӢ

**5. Ягонагии системаҳои экологии Заминро ҳифз ва баркарор намуда, диккати махсусро ба гуногунии биологӣ ва ҷараёнҳои табиие, ки устувории ҳаётро таъмин мекунанд, додан лозим аст.**

а) Дар тамоми сатҳ чунон накша ва меъёрҳои рушди устуворро кабул кардан лозимаст, ки бо кӯмаки онҳо нигоҳдошт ва баркароркунии муҳити зист яке аз кисмҳои ҷудонопазири тамоми ташабусҳо инкишоф дар оянда гарданд.

б) Барои ҳифзи системаҳои ҳаёттаъминкунандаи Замин, дастгирии гуногунии биологӣ ва нигоҳдории табиати мо мамнъунгоҳҳои биосферавӣ ва табииро таъсис дода, инчунин акватория ва заминҳои то ҳол нодастрасро бояд ҳифз кунем.

в) Ҳамкорӣ дар самти баркарор намудани намудҳо, популятсия ва экосистемаҳое, ки дар ҳолати нобудшавӣ карор доранд.



# ПРИНСИПҲО

г) Идора кардани истифодаи захираҳои барқароршаванда ба монанди об, хок, маҳсулоти ҷангал ва сокинони баҳр тавре, ки қобилияти ҳаётии экосистемаҳо вайрон карда нашавад.

д) Назорат кардан ва аз байн бурдани модификатсияҳои бегонаи генетикие, ки барои намудҳои маҳалӣ ва муҳити зист зарароваранд.

е) Идора кардани истихроҷ ва истифодаи захираҳои барқарорнашаванда аз қабили маъданҳо, маҳсулоти сӯзишворӣ, то ҳадди аққал паст карданихаробшавии онҳо.

**6. Пешгирии зараррасонии муҳити зист яке аз тарзҳои беҳтарини муҳофизати экологӣ, интихоби роҳи муносибати эҳтиёткорона дар ҳолати надоштани дониш ё ахбори нокифоя.**

а) Барои пешгирии зарари ҷиддӣ ва бебозгашт дар ҳолати оиди ин масъала надоштани ахбори илмӣ андешидани чораҳои зарурӣ.

б) Аз он нафароне, ки ба фикри онҳо фаъолияташон ба муҳити зист таъсири манфӣ намерасонад, талаб кардани далелҳои шанъӣ ба ҷавобгари кашидани онҳо.

в) Кафолат додан ба он, ки дар рафти қабули қарорҳо омилҳи оқибати фаъолияти ғайримустақим, фосилавӣ ва глобалии одам ба назар гирифта шудаанд.

г) Пешгирии олудашавии тамоми қисмҳои муҳити зист ва ҷамъшавии радиактивҳо ва моддаҳои заҳрнок.

д) Даст кашидан аз амалиётҳои ҷангие, ки ба муҳити зист зарар мерасонанд.



ПРИНСИПҲО

**7. Истифодаи чунин тарзҳои истеҳсолот, истеъмолот ва такрористеҳсолкуние, ки ҳифзи имкониятҳои баркароркунии Замин, ҳуқуқи инсон ва беҳбудии ҷамиятро кафолат медиҳад.**

а) Партовҳои дар натиҷаи истеҳсолот ва истеъмол пайдошударо кам карда, тарзи аз нав истифода ва коркарди онҳоро истифода бурда, аз ҷониби системаҳои экологӣ аз худ намудани боқимондани партовҳоро бояд таъмин кард.

б) Самаранок ва сарфакорона истифода бурдани энергия, зиёд кардани истифодаи сарчашмаҳои энергияи барқароршаванда ба монанди Офтоб ва бод.

в) Таъмини шароит барои таъсиси технологияҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза.

г) Ба системаи нархгузории бозоргонӣ дохил кардани арзишҳои пурраи экологӣ ва иҷтимоии маҳсулот ва хизматрасонӣ, инчунин ба истеъмолкунандагон фароҳам овардани имконият ҷиҳати интихоби маводи ғизоии мувофиқ ба стандартҳои иҷтимоию экологӣ.

д) Кафолати ҳуқуқи ҳама ба соҳаи тандурустӣ, ки саломатии репродуктивӣ ва ҷавобгарии таҷдидро таъмин менамояд.

е) Азхуд кардани тарзи ҳаёти бо сифат ва аз ҷиҳати моддӣ серу пур.

**8. Омӯзиши инкишофи устувории экологӣ ва мусоидат намудан ба мубодилаи кушод ва истифодаи васеи донишҳои азхудкарда.**

а) Дастгирии ҳамкориҳои илмӣ ва техникии байналмилалӣ дар соҳаи рушди устувор, равона на-



мудани диққати асосӣ ба давлатҳои таракқикардаистода.

б) Эҳтиром ва нигоҳ доштани донишҳои анъанавӣ ва ғояҳои хирадмандонаи фарҳангҳои гуногун, ки ба ҳифзи муҳити зист ва беҳбудии одамон саҳмгузоранд.

в) Таъмини дастрасии озодона ба ахбороте, ки барои саломатии одам ва муҳити зист таалуқ доранд, бахусус инженерияи генҳо.

## III. АДОЛАТИ ИҶТИМОӢ ВА ИҚТИСОДӢ

**9. Решакан кардани камбизоатӣ, эътироф кардани он, ҳамчун тақозои ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ.**

а) Кафолат додани ҳуқуқи инсон ба оби ошомидани, ҳавои тоза, маҳсулотҳои барои саломатӣ безарар, оби олуданашуда, истиқоматгоҳ ва шароити мувофиқи санитарӣ, диққати зарурӣ ба захираҳои миллӣ ва байналмилалӣ.

б) Кафолати ҳуқуқи одамон ба таълим ва захираҳое, ки барои воситаҳои устувори ҳаёт лозиманд. Пешбинии ҳифзи иҷтимоии шахсоне, ки имконияти худтаъминкуниро надоранд.

в) Радшудагонро эътироф намудан ҳифзи озордидагон, кӯмак ба кулфатзадагон, эҳтироми ҳуқуқи онҳо ҷиҳати амалӣ гардонидани кӯшишҳо ва имкониятҳои худ.

**10. Ба он кафолат бояд дод, ки фаъолияти иқтисодӣ ва институтҳо дар тамоми сатҳ рушди боадолатона ва устувори инсонро дастгирӣ намоянд.**

а) Ҳамкорӣ барои баробар паҳн кардани некӯаҳволӣ дар ҳудуди як давлат ва байни давлатҳои гуногун.



# ПРИНСИПҲО

б) Давлатҳои тарққикардаистодаро дастгирӣ карда, ба онҳо кӯмаки ҳамаҷонибаи зеҳнӣ, молиявӣ, техникӣ ва иҷтимоӣ расонида, аз супоридани қарзҳои калони байналмилалӣ озод кардани онҳо.

в) Кафолат бар он, ки савдои ҷаҳонӣ барои истифодаи устувори захираҳо, ҳифзи муҳити зист ва муқаррар кардани стандартҳои пешқадами меҳнатӣ шароит мусоид намояд.

г) Талаб кардан лозим аст, ки ширкатҳо ва ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ба нафъи ҷамият фаъолияти шаффоф дошта бошанд ва ба оқибати фаъолияташон масъулият ҳис кунанд.

**11. Тасдиқ кардани баробарии ҷинсҳо ва боадолатӣ ҳамчун шарти асосии рушди устувор ва ба ҳама баробар дастрас будани маълумот, тандурустӣ ва имкониятҳои иқтисодӣ.**

а) Ҳимояи ҳуқуқи занон ва духтарон ва хотима додан ба зӯроварӣ нисбати онҳо.

б) Таъмин намудани иштироки фаъоли занон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, сиёсӣ, шаҳрвандӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ҳамчун шарики баробарҳуқуқ дар қабул кардани қарорҳо аз ҷониби роҳбарон.

в) Мустаҳкам кардани оила ва таъмин кардани бехатарию тарбияи ҳамаи аъзоёни оила дар муҳити муҳаббату рафоқат.

**12. Ҳимояи ҳуқуқи ҳамаи одамон ба ҳаёт дар муҳити табиӣ ва иҷтимоие, ки эътибор, саломатии рӯҳӣ ва ҷисмонии онҳоро нигоҳ**



**дошта, афзалияти халқҳои таҳҷоӣ ва миллатҳои хурдро дар мадди аввал мегузорад.**

а) Решакан кардани поймолкунии ҳуқуқи инсон дар тамоми шаклаш: наҷот, ранги пӯст, ҷинс, таваҷҷуҳи шаҳвонӣ, дин, миллат, ахлоқ ва иҷтимо.

б) Ҳуқуқи халқи таҳҷоиро ба маънавиёт, дониш, замин ва захираҳо ва тарзи ҳаётии устувори онҳо хос ҳимоя намудан.

в) Эҳтиром ва дастгирии ҷавонони ҷамоаи мо ва ба онҳо фароҳам овардани имкониятҳо, барои ба амал баровардани вазифаҳои худ ҷиҳати таъсиси ҷомеаи устувор.

г) Ҳифз ва барқароркунии ҷойҳое, ки аҳамияти махсуси фарҳангӣ ва рӯҳӣ доранд.

## IV. ДЕМОКРАТИЯ, ОСОИШТАГӢ ВА ДАСТ КАШИДАН АЗ ЗӮРОВАРӢ.

**13. Пурқуват кардани институтҳои демократӣ дар ҳама сатҳ, таъмини шаффофӣ ва тобеъияти идоравӣ, аз он ҷумла иштирок дар қабули қарор ва адолати судӣ.**

а) Ҳимояи ҳуқуқи ҳар як инсон барои сари вақт гирифтани ахборот оиди вазъи экологӣ инчунин дар бораи нақшаҳо ва намудҳои дигари фаъолит, ки бевосита ба манфиати ӯ мебошанд.

б) Дастгирии ҷамияти шаҳрвандӣ дар сатҳи маҳаллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ ва ҳамкории тарафҳои манфиатдор барои иштирок дар чараёни қабул намудани қарорҳо.

в) Ҳимояи ҳуқуқи миллати маҳаллӣ барои ҳамкории озод, байён кардани фикр, маҷлисҳои осоишта



муттаҳидшавӣ инчунин баёни озодонаи норозигӣ.

г) Муқаррар намудани самаранок ва саривақт дастрас будан ба муорифаҳои судӣ ва маъмурӣ, истифодабарии муҳофизати судӣ ва барқарор намудани зарари ба муҳити атроф расондашуда, ё таҳдиди ин гунна зарарҳо.

д) Решакан кардани порахури дар тамоми сохторҳои расмӣ ва шахсӣ.

е) Ҷамоаи маҳаллиро мустаҳкам кардан, ба онҳо имкон додан барои ғамхорӣ ба муҳити зист ва оиди вазифаҳои ҳифзи муҳит мурочиат намудан дар сатҳи Ҳукумат.

**14. Ба таълими расмӣ ва омӯзиши тадриҷӣ дохил намудани дониш, арзиш, малакаҳое, ки барои тарзи ҳаёти устувор лозиманд.**

а) Барои ҳама хусусан ба ҷавонон ва кӯдакон имконият фароҳам овардан барои гирифтани маълумоте, ки ҳамкории фаъолонаи онҳоро дар рушди устувор таъмин мекунад.

б) Саҳми дастовардҳои санъат, адабиёт ва илмро дар таълим барои рушди устувор ҳавасманд намудан.

в) Аҳамияти ахбори умумро дар омӯзиши масъалаҳои экологӣ ва иҷтимоӣ тақвият бахшидан.

г) Муҳим будани таълими ахлоқӣ ва маънавиётро барои муваффақ шудан ба тарзи ҳаёти устувор эътироф намудан.

**15. Муносибат бошафқат ба ҳамаи организмҳои зинда.**

а) Роҳ надодан ба бераҳмӣ нисбати ҳайвонҳои хонагӣ ва онҳоро



аз кулфат ҳифз намудан.

б) Эммин доштани ҳайвоноти ваҳшӣ аз шикор, доштан бо қапқон ё ки моҳидорӣ, ки сабаби кулфат ва азобӣ тӯлонии онҳо мегардад.

в) Ба қадри имкон худдорӣ намудан ва пешгирии ҳаракатҳои нобудсозии ҳайвонҳое, ки мансуб ба шикор нестанд.

**16. Ташаккулёбии маданияти пурбардоштӣ, ғайризӯроварӣ ва осоиштагӣ.**

а) Ҳавасмандкунӣ ва дастгирии, ҳамдигарфаҳмӣ, якдилӣ ва ҳамкории байни ҳамаи халқҳои дохили як давлат ва байни давлатҳо.

б) Истифодаи ҳаматарафаи пешгирӣ кардани моҷароҳо тариқи ҳамкориҳо ҳамчун усули ҳалли осоиштаги моҷароҳои экологӣ ва дигар масъалаҳои баҳсталаб.

в) Ғайри миллӣ гардонидани системаҳои бехатарии Миллӣ бидуни фитнаангезӣ, истифодаи таҷҳизоти ҳарбӣ бо мақсади осоишта, аз ҷумла барои барқароркунии муҳити зист.

г) Нест кардани яроқи ядрой, биологӣ, кимиёвӣ ва дигар намуди яроқҳои қатли ом.

д) Кафолат бар он, ки истифодаи фазои мадори назди замин ва кайҳон ба ҳифзи муҳити зист ва осоиштагӣ нигаронида шавад.

е) Дарки ягонагии оламе, ки ба муносибати дурусти одамон, эҳтиёҷ дорад.



# ПРИНСИПҲО

## РОҲ БА СӮИ ПЕШ

Қисмат ва таъинотҳои умумии таърих аз пештара дида Моро ба зарурияти кофтукоби муносибатҳои нав ҳидоят мекунанд. Чунин навгониҳоро ба мо принсипҳои Эъломияи Замин ваъда медиҳанд. Барои амалӣ шудани онҳо ба мо лозим меояд, ки дарк ва паҳн намудани арзиш ва ғояҳои эъломияро ба ӯҳдаи худ гирем.

Ин аз мо тағйир додани тафаккур ва қалбро тақозо мекунад. Ин ҳиссиёти нави глобалии баҳам вобаста ва масъулияти умумиро талаб мекунад. Мо бояд эъҷодкорона Консепсияи тарзи ҳаёти устуворро дар сатҳи маҳдуд, миллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ инкишоф диҳем. Фарҳанги гуногуншакли мо мероси бебаҳо аст ва фарҳангҳои гуногун роҳи амалӣ гардонидани худро пайдо хоҳанд кард. Мо бояд муколамаи глобалиро, ки ташабускори он Эъломияи Замин мебошад васеъ гардонем ва дар ҷустуҷӯи ҳақиқат ва ростӣ аз якдигар бисёр чизҳоро омӯзем.

Дар ҳаёт аксар вақт нисбати афзалияти ин ё он арзишҳои муҳим баҳсу талошҳои зиёд мешаванд. Ин маънои онро дорад, ки интихоби дурусти арзишҳо хеле мураккаб



ПРИНСИПҲО

аст. Вале мо бояд байни гуногуншаклӣ ва ягонагӣ, озодӣ ва беҳбудии ҷамият, мақсадҳои кӯтоҳ ва нақшаҳои дарозмӯҳлат мувофиқат пайдо кунем. Ҳар як одам, оила ва ташкилот вазифаи муҳими худро доранд. Санъат, илм, дин, донишгоҳҳои таълимӣ, васоити ахбори умум, аҳли тиҷорат, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва ҳукумат - ҳамаашон ба идоракунии созандагӣ даъват шудаанд. Барои роҳбарии самарабахш, ҳамкори бо ҳукумат, ҷамъияти шаҳрвандӣ ва намояндагони тиҷорат лозим аст.

Барои ташаккули ҷамоаи устувори глобалӣ халқҳои ҷаҳон бояд, ӯҳдадориҳои хешро дар муносибат ба СММ ва дигар қарордодҳои байналмилалӣ барқарор карда иҷрои амалии, принсипҳои Эъломияи Заминро дар ҳамбастагӣ бо санадҳои меъёриву ҳуқуқии байналмилалӣ оиди экология ва инкишоф дастгирӣ намоянд.

Бигузор давраи мо ҳамчун давраи иззату эҳтироми бепоён дар назди ҳаёт, қарорҳои қатъии нигоҳдошти имкониятҳои такомулоти замин, суратбахшии муборизаҳо барои адолату осоиштагӣ ва тантанаи ҳаёт дар хотири одамон боқӣ монад.






samsam
www.samsam.net
EARTH CHARTER
Youth
Four basic rules on how to care for the earth
All of us – plants, animals and people – have only one home: the earth. We all need water, earth and air in order to live, so let's keep our earth healthy and beautiful!
1.
BE KIND TO EACH OTHER, TO THE ANIMALS AND THE PLANTS
all life on earth deserves respect
take good care of plants and animals
everybody is equally important
remember the generation that comes after you
2.
TAKE GOOD CARE OF THE ENVIRONMENT
less air pollution
keep your neighbourhood clean
recycle things
we need to learn how we harm the environment








samsam
EARTH CHARTER
Youth
Four basic rules on how to care for the earth
BE KIND TO EACH OTHER, TO THE ANIMALS AND THE PLANTS
TAKE GOOD CARE OF THE ENVIRONMENT
Жизнь создает условия для Жизни!




2007-год РУССКОГО ЯЗЫКА